1

Ба Шуроидиссертатсионии 6D.КОА 012 дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷоратиТоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ ва афзоиши нақши фаъолияти соҳибкорӣ дартаъмини аҳолӣ ба ҷойҳои кории доимӣ ва аҳолиро бо молу маҳсулоти дохилӣ таъмин намудан яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ба ҳисоб меравад. Масъалаи таъмини ҷойҳои кории доимӣ ба аҳолӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи “Консепсияи рушдӣ иқтисоди миллӣ” ва “Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамикунонӣ барои солҳои 2021-2025”аз соли 2021, №460 заминаи заруриро барои воридсозии технологияҳои муосирва бахшҳоимуаянӣистеҳсоливу хизматрасонӣ дар рушди иқтисоди мамлакат фароҳам овардааст.

Муаллиф дар автореферати худ бо асоснокии илмӣ дуруст таъкид менамояд, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти мамлакат бояд бо дарназардошти истифодаи васеъ ва коркарди амиқи маҳсулоти ватанӣ, инчунин бо таъмин намудани корхонаҳои саноатӣ бо технологияҳои муосири истеҳсолӣ амалӣ гардад. Ин раванд на танҳо ба беҳтар гардидани сифати молу маҳсулоти истеҳсолшудаи дохилӣ мусоидат мекунад, балки барои баланд бардоштани ҳаҷм, гуногуннамудӣ ва арзиши иловагии маҳсулоти миллӣ заминаи устувор фароҳам меорад. Дар натиҷа, иқтидори истеҳсолии кишвар таҳким ёфта, сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозорҳои хориҷӣ боло меравад.

Дар ин замина, муаллиф ба таври асоснок нақши калидии бахшҳои истеҳсолиро дар рушди иқтисоди миллӣ таъкид намуда, дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорони дохилиро ҳамчун омили муҳимми татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 арзёбӣ менамояд. Маҳз тавассути рушди соҳибкории истеҳсолӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ва такмили муҳити институтсионалӣ метавон ба ҳадафҳои

стратегии кишвар, аз ҷумла саноатикунонии босуръат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ноил гардид.

Мавқеи муҳими дигаре, ки сазовори таъкид мебошад, дар он ифода меёбад, ки тамоми нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида дорои навоварӣ, таҳлили амиқ ва асоснокии баланди илмӣ мебошанд. Муаллиф мавзӯи таҳқиқотро ҳамаҷониба ва амиқ дарк намуда, бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқотӣ, далелҳои оморӣ ва таҳлилҳои муқоисавӣ маҳорати баланди илмӣ ва сатҳи касбии худро нишон додааст. Ин омилҳо арзиши назариявӣ ва амалии натиҷаҳои тадқиқотро боз ҳам баланд бардошта, аҳамияти онҳоро барои рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисоди миллӣ таъмин менамоянд.

Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои дохилӣ ва беруна, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, муаллиф модели такмилёфтаи танзими давлатии рушди фаъолияти соҳибкориро пешниҳод намудааст. Модели мазкур ба муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкорӣ, такмили муҳити институтсионалӣ, коҳиш додани монеаҳои маъмурию иқтисодӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ равона гардидааст.

Ҳамзамон, дар доираи модели пешниҳодшуда соҳаҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ бо назардошти иқтидори мавҷуда, захираҳои дохилӣ ва тамоюлҳои бозори дохилию хориҷӣ муайян карда шуда, механизмҳои муассири дастгирии давлатии соҳибкорӣ пешниҳод мегарданд. Татбиқи чунин равиш имкон медиҳад, ки ҳамоҳангии сиёсати давлатӣ бо манфиатҳои бахши хусусӣ таъмин шуда, шароити мусоид барои рушди устувори соҳибкорӣ ва афзоиши самаранокии иқтисоди миллӣ фароҳам оварда шавад.

Бо вуҷуди арзиши назариявию амалӣ ва аҳаммияти баланди илмии натиҷаҳои бадастомада, зарурати такмил додани баъзе паҳлӯҳои таҳқиқот эҳсос мегардад. Аз ҷумла:

1. Ба ақидаи муаллиф, низоми андозбандӣ ва меъёрҳои нисбатан пасти андозбандӣ дар кишварҳои ҳамҷавор ва торафт зиёдшавии фишори рақобати минтақавӣ оид ба ҷалби сармоя водор мекунад, ки дар ин самт тадбирҳои иловагии ҳавасмандсозанда андешида шаванд, аммо чӣ гуна нишон дода нашудааст;

2. Дар автореферат қайд шудааст, ки институтҳои танзимкунанда ва назоратӣ, сохторҳои ваколатдори масъул дар ин самт чораҳои фаврӣ андешанд, то шароиту имкониятҳоро беҳтар намуда, қоидаҳои сода ва осон барои фаъолияти соҳибкорӣ таъмин карда шавад. Фикри муаллиф асоснок карда нашудааст.

Ин нуктаҳо моҳияти илмӣ ва арзиши амалии автореферати диссертатсияро коста намесозанд, балки ҳамчун самтҳои эҳтимолии ғанисозӣ ва такмили минбаъда арзёбӣ мешаванд.

Дар маҷмуъ, маводҳои илмии нашршуда ва автореферати пешниҳодгардида шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи таҳқиқ хуб асоснок шуда, диссертатсияро кори ба итмомрасида шуморидан мумкин аст. Ҳамаи меъёрҳои зарурӣ риоя гардида, диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯйбуда, муаллифи онДавлатов Насимҷон Сайдаҳтамович сазовори ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, д.и.и. Бобозода К.О.

Имзои О.К. Бобозодаро -ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои
ИИД АМИТ Махсудшоева З.Д.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо, 6А Телефон/Fax: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65 Fax: +992 (37) 221-67-50 Суроғаи электронӣ: info@ied.tj

16 02 соли 20